# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Парвизи Ҳотам дар мавзӯи «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, баркарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо**

Кори илмӣ-таҳқиқотии Парвизи Ҳотам ба мавзӯйи мубрами рӯз – истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ дар баҳодиҳии зарфияти агроландшафтҳои водии Данғара бахшида шудааст.

Ҳадафи асосии кори диссертатсионӣ баҳодиҳӣ ба зарфияти агрозахираи ландшафти заминҳои обёришавандаи водии Данғара бо истифодаи имкониятҳои системаҳои геоиттилоотӣ, аз ҷумлаи баррасӣ намудани амалиёти бақайдгирӣ, тарҳрезӣ, муайянсозӣ, моделкунонӣ ва сохтани базаи маълумоти минтақаи таҳқиқотӣ ва пешгӯии тағйирёбии зарфият, инчунин коркарду пешниҳодот оид ба истифодабарии замин мебошад.

Дар таҳқиқоти мавсуф нуктаҳои ба ҳимоя баровардашуда асоснок карда шудаанд. Он, албатта, аҳамияти илмию амалӣ дошта, дар соҳаи мелиоратсия, баркарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо ҳиссаи муносиби илмӣ хоҳад буд.

Дар баробари яке аз паҳлуҳои ҷолиби ин корро қайд карданием. Дар он дар баробари масъалаҳо асосӣ омилҳои экзогенӣ низ омӯхта шудаанд. Омилҳои экзогенӣ гарчи барои муҳандиси заминсоз мураккаб таҳқиқшаванда бошанд ҳам, аммо докторант Парвизи Ҳотам аз ӯҳдаи он баромадааст. Ӯ бо истифодаи методи таҳқиқоти фосилавӣ чунин омилҳоро ба таври комил тахти назорат карор дода, таъсири онҳоро ба ҳолати воқеии заминҳои обёришаванда муайян намудааст.

Докторант дуруст қайд кардааст, ки ин омили пахно эҳтимолияти васл шудани монеаҳои дохили рӯдхона дар 10 соли оянда афзун бахшида бошанд ҳам, аммо, мутаасифона, нисбат ба ҷараёни тағйирпазирии рӯдхонаи дарё ва толобҳои мавсимӣ чорабиниҳои самараноки техникӣ, биологӣ ва ғайра дар сатҳи кофӣ гузаронида нашудаанд.

Дар автореферат чанд камбудие ба назар мерасад, ба монанди: сабабҳои васеъшавии пахнои рудхонаи дарёи Тоирсӯ дар автореферат аз нигоҳи таъсири омилҳои эндогенӣ тавсиф дода нашудааст. Камбудии дигар – ин дар матн чанд хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд. Аммо, бояд зикр кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба муҳтавои асосии кори илмӣ таъсири муассире надоранд.

Дар анҷом чунин мешуморем, ки кори илмии Парвизи Ҳотам дар мавзӯи «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати диссертатсия ҷавобгӯй буда, муаллиф сазовори унвони илмии доктори фалсафа (PhD)–доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000-мелиоратсия, баркарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо мебошад.

Ходими пешбари илмии шӯъбаи
география ва зондкунонии фосилавии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон, н.и.г.-м., дотсент
735323, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 33
тел.;934707748; e-mail: aniyozov@bk.ru

Ниёзов А.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

02.02.2022